20173 - Закот додан ба падару модар ба ҷои нафақа ҷоиз нест

савол

Ман мехоҳам закоти моламро ба падару модарам диҳам, зеро падарам кор намекунад, ба синни пирӣ расидааст ва дигар қудрати кор кардан надорад. Ӯ чаҳор фарзанд дорад, ки ҳанӯз ҳам онҳоро сарпарастӣ ва нигоҳубин мекунад; яке аз онҳо маъюб буда, 30-сола мебошад. Оё барои ман ҷоиз аст, ки закоти моламро ба ӯ ё ба хоҳарам бидиҳам, дар ҳоле ки онҳо як хонаводаи бисёр камбизоат ҳастанд?

Ҷавоби муфассал

Ин савол аз ду бахш иборат аст:

Бахши аввал: Ҳукми закот додан ба падару модар.

Шайх Ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) мефармояд:
"Барои мусалмон ҷоиз нест, ки закоти худро ба падару модар ё фарзандонаш бидиҳад; балки агар онҳо ниёзманд бошанд ва ӯ қудрати молӣ дошта бошад, бар ӯ воҷиб аст, ки онҳоро аз моли худ таъмин намояд".
Аз китоби "Ал-Фатово-л-ҷомиъа", ҷилди 1, саҳ. 306

Бахши дувум: Закот додан ба бародарон. Ба саволи рақами 21810 муроҷиат карда шавад.